## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи **Султонова Сурайё Абдурашидовна** дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии ҶумҳурииТоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

**Мубрамияти таҳқиқот**

Рисолаи унвонҷӯй Султонова Сурайё Абдурашидовна ба проблемаи муосири илми таълиму тадриси забони англисӣ дар самти инкишофи салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ бо истифодаи технологияҳои педагогии самарабахш дар раванди таълими касбии забони хориҷӣ бахшида шудааст. Тазаккур медиҳем, ки бунёди ақидаи илмӣ ва муносибати хоси пажуҳиш ба масъалаи интихобшуда аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар марҳилае ба анҷом расид, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсан Президенти кишвар, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомали Раҳмон ба омӯзиши забони англисӣ дар муаассисаҳои гуногунзинаи таҳсилоти Тоҷикистон, минҷумла макотиби олӣ, пайваста таваҷҷӯҳ ва мароқи комил зоҳир мекунанд. Дар ин бобат барномаи давлатии тоза қабулшудаи таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар солҳои 2021-2030 шаҳодат медиҳад.

Падидаҳои тозаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи муосири пажуҳиш ва стратеҷии такмил ва тадриси забони англисӣ дар макотиби олии техникӣ руҷӯъ намуда, асосҳои илмӣ ва бунёдии проблемаи вобаста ба инкишофи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникиро дар пайвастагӣ бо истифода аз технологияҳои педагогии таълим ва омӯзиши касбии забони хориҷӣ роҳандозӣ кардааст.

Унвонҷӯй ба дарёфти консепсия ва равиши илмӣ-методӣ аз манзари фарзияи таконбахш ба раванди таҳқиқот муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии техникӣ ба шарте таъмин мегардад, ки агар заминаи омӯзиши ҳам забон ва ҳам фарҳанги миллии соҳибони аслии забон дар пояи ҳамгироӣ-интегративӣ фароҳам оварда шуда, ниёзи муошират ва маърифатнокии донишҷӯёнро таъмин намояд. Дар марҳалаи байни оғоз ва анҷоми рисолаи мазкур муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки технологияҳои интихоб кардаи педагогӣ ба фаъолиятмандии муҳассилин тавассути усули интерактивӣ ва рушди малакаҳои забономӯзӣ дар партави ғановати фарҳангии сухангӯйӣ мусоидат кунад.

Муаллиф комилан дуруст пай мебарад, ки шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самти фаъолияти бо ҷидду ҷаҳди муҳассилини омӯзиши забони хориҷӣ, махсусан, бедории шавқу рағбати онҳо барои омӯзиши ҳамзамон фарҳанги кишварҳои хориҷзабонҳоро мекушояд. Аз нигоҳи пажуҳишии муаллиф роҳ ва усулҳои шиносоӣ бо фарҳанги миллии кишварҳои диғар зимни омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити кунунии робитаҳои байналмиллалӣ барои мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Тоҷикистон аҳамияти хос пайдо мекунад ва ҳалли бомуваффақи масъаларо ба қатори арзишҳои муҳимми сиёсати давлат ва ҳукумат дар соҳаи забономӯзӣ мегузорад.

Дар рисолаи Султонова Сурайё Абдурашидовна ба проблемаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ нигоҳи тоза дӯхта шудааст.Таҳқиқот собит менамояд, ки чунин салоҳиятмандӣ дар вазъе таъмин мегардад, ки агар асос ва мундариҷаи омӯзиши ҳамрадифи забони хориҷӣ ва фарҳанги миллии кишварҳои хориҷ забон аниқ гардида, таълиму омӯзиш аз ҷониби шахсияти муҳассил ташаббус пайдо кунад. Дар ин мақом роҳандозии усули

ҳамгирой-интегративии байни фанҳои таълим бештар босамар арзёби шудааст, ки он, бешубҳа, ба рушди маҳорату малакаи муошират ва маърифатнокию донишандӯзии ҷавонони муҳассил мусоидат менамояд.

Хушбахтона, унвонҷӯй дар ҳалли масъалаҳои ба миён гузошта дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва осори илмии олимони ватанӣ, рус ва кишварҳои дигар муваффақ шуда, тавассути таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа консепсияи шахсии хешро таҳия ва роҳнамоӣ кардааст. Шиносоӣ бо рисола собит кард, ки муаллифи диссертатсия дар самти интихобкардаи хеш ба татбиқи фарзияву дастовардҳои назарраси илмӣ муваффақ шудааст.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазоифи зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

1. Ошкор сохтани хусусиятҳои хоси заминаҳои тахассусдиҳӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии мундариҷаи фаъолияти ояндаи касбии донишҷӯён, ки ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ҷараёни таълими муоширати ғайри забонӣ таъсир мерасонад.

2. Тавзеҳи мафҳум, сохтор ва мундариҷаи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо баҳисобгирии тахассусдиҳӣ ваҷанбаи байналмилалии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ.

3.Коркарди минимуми мундариҷаи фарҳангомӯзии муҳассилин ҳини таълими забони хориҷӣ, ки ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён мусоидат мекунад.

4. Дар таълими таҷрибавӣ интихоб ва аз лиҳози илмӣ асоснок намудану санҷидани технологияҳои педагогӣ ва модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, ки ба таълими тамоюли шахсиятии забони англисӣ мусоидат мекунад ва ба ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён таҳрик мебахшад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои ба даст омада** дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии техникӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола диссертатсия тасдиқи хешро ёфтааст.

**Навгонии илмии тадқиқот**:

1. Бори аввал дар илми педагогикаи ватанӣ ва соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон методикаи ташаккули салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва роҳандозӣ шудааст.

2. Ғояи консептуалии ба шахсият нигаронидашудаи ташаккули салоҳиятманди иичтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар шароити бисёрзабонии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ коркард шудааст.

3. Мушкилоти омодасозий мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар самти ҳамкориҳои минбаъдаи судманд дар заминаи робитаи забонҳо ва тамаддунҳо ва чаҳорчӯбаи муоширати байнифарҳангӣ таҳия ва асоснок шудааст.

4. Мазмун ва мундариҷаи маводи омӯзишӣ ва таълим бо мақсади ташаккули салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар шароити бисёрзабонӣ ва гуногунфарҳангӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ муқаррар шудааст.

5. Модели ташаккули салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён бо истифода аз доираи технологияи самараноки педагогӣ ҳини омӯзиши забони ҳориҷӣ дар шароити бунёди муҳити забон ва муошират бо забони ғайр коркард ва таҷриба шудааст.

6. Модели ташаккули салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ бо такя ба маводи фарҳангшиносӣ, муошират байнифарҳангӣ, касбӣ ва инфиродии арзишманд дар чорчӯбаи меъёрҳои қабулшудаи забономӯзӣ пешниҳод ва санҷида шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар диссертатсия модели ташаккули салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар фазои муошират бо забони хориҷӣ дар асоси талабот ба мутахассиси оянадаи ҳамзамон ҳам касбӣ ва ҳам забондон дар пояи муассисаи таҳсилоти олии техникӣ таҳия ва коркард шудааст. Модели пешниҳодшуда дар раванди омодагии касбии муҳассилин тавассути омӯзиши босифати забони хориҷӣ ва ҳамзамон урфу одат ва анъанаҳои миллии фарҳанги сокинони кишварҳои хориҷзабон бо такя ба асосҳои назариявӣ ва лингвистӣ ва инчунин тариқи истифода аз технологияҳои педагогии муосир хидмат хоҳад кард.

**Аҳамияти амалиявии таҳқиқотро** модели аз нигоҳи бунёдӣ асоснокгардида ва тариқи озмоиш санҷидашудаи ташаккули салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии мутахассисони оянадаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар муҳити муошират ва гуфтугӯ бо забони хориҷӣ ташкил медиҳад. Таҳқиқи таҷрибавӣ-озмоишии рисола ба чунин иддаои илмии мантиқан ва моҳиятан дурусти муаллиф такя мекунад: ҳадафи асосии омӯзиш ва таълими забони хориҷӣ ташаккули салоҳиятмандӣ дар гуфтор ва муошират озод аст, яъне омӯзиши забон ҳам азхудкунии дониши назариявӣ ва ҳам рушди малакаҳои амалиро тақвият мебахшад. Ҳамоне забондон аст, ки тавоноӣ ба гуфтор ва муошират озод дорад. Чунин гояи муаллиф ба иҷрои консепсияи муосири муносибати босалоҳият ба таълим нигаронида шудааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар он тазаккур меёбад, ки ӯ ҷиҳати асоснокӣ ва бунёдии ғояҳо ва андешаҳои методии ба маърази таҳқиқ гузошташуда, таҳия ва коркарди амсилаи консептуалии таҳқиқотақидаҳои пойдор ва

устувор баён намуда, дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълими забони хориҷӣ, фаъолиятмандии шахсии муҳассилин, роҳандозии низоми ҳамгирой-интегративӣ ба ташаккули муошировати касбии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ шудааст.

Муаллиф ба ҷузъ дарёфти роҳу усули тозаи таҳқиқот дар коркарди асосҳои илмӣ ва назариявии проблемаи интихобшуда, ҷамъбасти таҷрибаю донишҳои педагогию методии андӯхтаи хеш боз ба он муваффақ шудааст, ки семинари махсус роҷеъ ба мавзӯи «Муошировати касбии мутахассиси техникӣ аз забони хориҷӣ» тавассути тарзу усулҳои таълим ва методҳои пешқадами омӯзиши амалии забони хориҷӣ доир намуда, барои устодон ва омӯзгорони ин фан тавсияҳои муфид ба миён гузоштааст. Муаллиф дар интихоби роҳу усули пажуҳиш, тарзи таълиму омӯзиши забони хориҷӣ, санҷиши бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, анҷом додани рисолаи диссертатсионӣ, таҳияю нашри мақолоти илмӣ, аз ҷумла, дастурҳои таълимӣ-методӣ ва гузоришҳои илмӣ хидмати шоиста ба харҷ додааст.

Қобили зикр аст, ки натоиҷи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, маҷмӯаҳои маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо интишор ва муфассал баррасӣ шуда, дар 13 асару мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 4 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи унвонҷӯй аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 146 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос гардидааст. Дар матн 9 ҷадвал, 1 диаграмма ва 1 расм мавҷуд буда, рӯйхати адабиёт 203 манбаъро фаро мегирад.

Боби якуми диссертатсия -«**Асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти иҷтимой-фарҳангии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» -**

масъалаҳои марбут ба самтҳои назариявии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён ҳамчун проблемаи таҳқиқот дар адабиёти илмӣ ва методӣ, тамоюли фардикунонии ташаккули салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён ҳини машғулиятҳои забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ, дарёфти модели забономӯзӣ, забондонӣ ва рӯй овардан ба фарҳанги миллии кишварҳои хориҷзабонро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Боби мазкур аз се фасли комил иборат буда, масъалаҳои мухталифро дар робита бо проблемаи гузошташуда мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор додааст.

Гузориш ва таҳқиқи проблемаи илмии гузошташуда имкон дод, ки муаллиф баррасии таъйиноти тамоюли фардикунонии ташаккули салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёнро ҳини машғулиятҳои забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ пешниҳод намояд. Дар диссертатсия собит шудааст, ки баррасии тамоюли фардикунонии таълим худфаъолии муҳассилин, арзёбии нерӯ ва қудрату тавоноии онҳо, дурустӣ ва саҳеҳии донишу маҳорат ва малакаи субъекти раванди таълимро дар маркази диққат мегузорад. Зиёда аз ин, аз ҷониби муаллифи рисола муайянкарда шудани функсияҳои марбут ба тамоюли фардикунонии шахсияти забономӯз дар партави хислатҳои башардӯстӣ, фарҳангшиносӣ ва иҷтимоишавӣ саҳифаҳои тозаи пажуҳиши уновонҷӯй маҳсуб меёбад.

Боби дувуми диссертатсия – «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими тамоюли шахсиятии забони хориҷии муассисаи таҳсилоти олии техникӣ» иборат аз баррасию таҳқиқи ҷанбаҳои технологияҳои педагогӣ ҳини омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии техникӣ дар заминаи консепсияи пешнишодшуда маҳсуб меёбад. Ин боб низ аз се фасл иборат буда, дар он технологияҳои педагогӣ ҳамчун воситаи баландбардории сифати таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ; технологияҳои компютерӣ ҳамчун яке аз роҳҳои ташаккули салоҳияти

иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии техникӣ; санҷиши технологияҳои педагогӣ, ки рушди салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёнро дар таълими таҷрибавӣ таъмин мекунанд, ба таҳқиқ расидааст.

Боиси зикр аст, ки дар ин боб аз ҷониби муаллифи рисола мафҳуми салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ташреҳ расидааст ва чун дониши мушобеҳи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳини истифодаи унсурҳои қарини забони хориҷӣ ва маҳорати дар ин замина ҳосилшудаи малакаҳои муоширатро ифода мекунад. Дар ин масъала муаллиф ба ҷанбаҳои антропологӣ, этникӣ-психологӣ ва фардияти шахси забономӯз таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, собит месозад, ки ҳарчанд раванди ташаккули иҷтимоӣ-фарҳангии муҳассилин кори мураккаб ва душвор ба шумор меравад, вале мавҷудияти наздикии гунае аз урфу одатҳо, анъанаҳо, ҳусни одобу ахлоқ ва маърифат, таҳаммулпазирию башардӯстӣ имкони робитаи забонҳо ва гуфтугӯи тамаддунҳоро фароҳам меорад.

Таҳлили рисола ва натиҷаҳои ба даст омада собит мекунад, ки низоми методии пешниҳодгардида ба ташаккули донишу малакаҳои устувори ба ҳамалоқаманд, рушди давра ба давраи салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии муҳассилини макотиби олии техникӣ, ҳамгироии фанҳо, донишу таҷрибаҳои ҳосилшуда, мавҷудияти унсурҳои қарину ба ҳам монанд дар доираи робитаи забонҳо ва тамаддунҳо ба рушди нерӯи муошират мусоидат мекунад.

Дар боби дуюм санчиши модели пешниҳодшуда ва татбиқи авомили технологияи педагогӣ зимни ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳини омӯзиши забони хориҷи дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ аз нигоҳи самаранокии технологияҳои пешқадам дар кори таълимӣ ва берун аз аудиторӣ баррасӣ шудааст. Мазмуну мундариҷаи модели салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ бо ягонагӣ ва яклухтии қисмҳои таркибӣ (ҳадаф, вазифа, пешбинӣ, низом, тартиб, санҷиш, баҳодиҳӣ) тавсиф ёфтаанд.

Чунонки аз муҳтавои рисола бармеояд, баҳри муваффақ шудан ба ҳадафи гузошташуда дар раванди таълим татбиқи МТМ «Забони англисӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» дар асоси методи таълими кредитӣ-амсилавӣ ба таъмини давра ба давраи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муҳити бисёрэтникии муассисаи таҳсилоти олии техникӣ бо дарназардошти ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ дар робита ба технологияи инфиродӣ ва тафриқавии таълим мусоидат намуд. Дар марҳилаи назоратии эксперимент донишҷӯёни гурӯҳҳои экспременталӣ ва санҷишӣ пурсиш (тест)-ро дар сатҳи хуби азхудкунии забони англисӣ иҷро карданд, ки муаллиф онро тариқи расму ҷадвал ва диаграммаҳо пешниҳод менамояд.

Дар қисмати ниҳойии диссертатсия муаллиф якчанд тавсияҳоро ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки дар рисолаҳои минбаъд интихоби шакл, усул ва технологияҳои гуногуни таълими проблемавӣ, ки хусусиятҳои дараҷаи муайяни таҳсилотро ба ҳисоб мегиранд, бояд таҳқиқ ёбад. Инчунин ба истифодаи муносибати рефлексивӣ ба омӯзиши забони хориҷӣ дар муҳити бисёрэтникӣ таваҷҷуҳ намуда, ба проблемаи фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён, баланд бардоштани ангезаи онҳо, омодагӣ ба худомӯзӣ дар тамоми ҳаётэътибори ҷиддӣ бояд дод.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникииҶумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Рисола ба талаботи “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣдар солҳои 2021-2030 ҷавобгӯ буда, доир ба яке аз бандҳои асосии он, ки ба тахқиқи илмӣ ва коркарди ҷанбаҳои бунёдӣ ва назаривию амалии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои тахсилоти олии ҷумхурӣ нигаронида

шудааст, таалуқ дорад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар рисола таҳлили барномаи таълими забони англисӣ ва китобҳои дарсӣ аз нигоҳи вазъи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида нагардид. Дар ин бобат унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси бозёфтва ё ноқисиҳои барномаву китобҳои дарсӣдар партави проблемаи таҳқиқот баён намояд.

2. Дар рисола ба мантиқи ифодаҳо ва ибораҳо, истилоҳоти хоси илми педагогика дақиқкор бояд буд. Чунончи, ибораи русии “личностно-ориентированное обучение” ба забони тоҷикӣ хуб мебуд чунин ифода гардад: “таълими тамоюли фардӣ дошта”, на ин ки “тамоюли шахсиятӣ дошта”.

3. Дар матни ҳам рисола ва ҳам фишурдаи диссертатсия аксаран такрори мафҳумҳои “ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён”, “рушди салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён”, “тамоюли шахсиятӣ” ва амсоли он ба назар мерасад, ки забону услуби илмии таҳқиқотро андаке коҳиш медиҳакд.

4. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши намоёни илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовнаро дар ҳудуд ва миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои зарурирo ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад. Унвонҷӯй тадқиқоти масъалаи гузошташударо дар робита бо истифодаи

технологияи педагогӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ хеле мувафаққона ва дар сатҳи пурарзиш ба анҷом додааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавоии асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – "Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ: англисӣ, олмонӣ)" пурра мувофиқатмекунад:

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри солим 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонова Сурайё Абдурашидовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,**
**профессори кафедраи забоншиносии**
**умумӣ ва типологияи муқоисавии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Негматов С. Э.**

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: (+992) 918506318. E-mail: snegmas@rambler.ru

Имзои профессор С.Э. Негматов - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

27.04.021